# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.09.2023, № 9

Барои сазовор донистани Бухориев Олим Салимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.

Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштории ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ дар рӯзи 12.09.2023 (суратмаҷлиси №6) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бухориев Олим Салимович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ноҳияи Ванҷи ВМБК ба дунё омадааст. Ӯ дар солҳои 1969-1979 аввал дар мактаби 8-солаи №13 таҳсилро оғоз карда, онро дар мактаби миёнаи №1 ноҳияи мазкур ба поён мерасонад. Дар солҳои 1984-1989 дар Донишгоҳи давлатии ба номи В.И. Ленин (Донишогоҳи миллии Тоҷикистон) таҳсил намуда, ба касби омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик соҳиб мешавад. Солҳои 2017-2021 ҳамчун унвонҷӯйи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба кори пажуҳиш машғул будааст.

Бухориев Олим Салимович аз соли 2017 то ба ҳол дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба ҳайси ходими илмӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ Раҳмонӣ Равшан (Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович).

**Муқарризони расмӣ:**

**Охониёзов Варқа Дустович** – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ;

**Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Мутобиқи муҳтавои тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Элбоев В., эксперт, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ Солеҳов Ш., котиби илмии ҷаласа, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ Муҳаммадзода Ҷ. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, диссертатсияи номзадии Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва баъзе омӯзгорони муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳаи фолклоршиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

I. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Бухориев О. Робитаи рубоӣ ва дубайтӣ бо ҷиюэҷиюэҳои чинӣ [Матн] / О.Бухориев // Суханшиносӣ. –Душанбе, 2018, –№3. – С. 142-156.
2. Бухориев О. Нигоҳи мухтасар ба вижагиҳои муштараки жанри рубоӣ ва дубайтӣ [Матн] / О.Бухориев // Гузоришҳои АИ ҶТ. –Душанбе, 2018, –№ 4. – С. 177-182.

3. Бухориев О. Ҷойгоҳи мавзуи ишқ дар жанри дубайтӣ [Матн] / О.Бухориев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019, – №1. – С. 210-216.
4. Бухориев О. Тасвиргарой дар жанрҳои рубоӣ ва дубайтӣ [Матн] / О.Бухориев // Суханшиносӣ. –Душанбе, 2019, –№1. –С. 149-162.

**II. Мақолаи муаллиф дар маҷаллаи илмӣ-оммавӣ:**

1. Бухориев О. Корбурди жанрҳои фолклорӣ (дубайтӣ ва рубоӣ) дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ [Матн] / О. Бухориев // Маорифи Тоҷикистон. –Душанбе, 2018, – №4. – С. 46-51.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон У. Тоиров мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Ҳамчунин дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби баъзе олимон дар шакди пурра ва баъзеашон дар шакди нопурра, монанди Раҷаб Амонов ва А. Аминов ва ғайра (ниг.: саҳ. 5), оварда шудаанд.

-дар баъзе ҳолатҳо диссертант ҳангоми баёни фикр ба такрори калимаҳо роҳ додааст, ки чунин тарзи ифода услуби ҷумлаҳоро каме коҳиш медиҳанд. Агар дар чунин ҳолатҳо аз муродифи чунин калимаҳо истифода мешуд, беҳтар буд.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Х.Р. Холов мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд.
- дар баъзе мавридҳо номи муҳаққиқон мувофиқи меъёри ягона навишта нашудааст. Масалан: Сируси Шамисо, Шафеии Кадканӣ, А.Абдусаттор (ниг.: саҳ. 6), Н. Хонларӣ (ниг.: саҳ. 12).

3. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илми филология, и. в. дотсенти кафедраи муҳандисӣ-иқтисодии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ У.О. Мақсудов мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд.
- муаллиф дар баъзе ҳолатҳо меъёри умумӣ ва яксон навиштани истилҳоти адабиро риоя накардааст.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти

ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - фолклоршиносӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

- муайян кардани марҳалаҳои таърихии инкишофи навъи дубайтӣ;
- тавзеҳи марҳалаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули дубайтӣ;
- баррасии масъалаи мавзуъҳои дубайтӣ;
- таҳлилу тавзеҳи мавзуъҳои ишқ, ғарибӣ, муҳаббат ба ватан дар дубайтӣ;
- таҳқиқи вижагиҳои сохтории навъи дубайтӣ;
- мушаххас намудани мавқеи вазн, қофия ва радиф дар дубайтӣ;
- таҳлилу тавзеҳи забон ва сабки дубайтӣ;
-муайян кардани мавқеи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ: маҷоз, ташбеҳ, истиора, киноя ва ғайра дар дубайтӣ.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Бо истифода аз назару ақидаҳои илмии муҳаққиқон мавзуи таҳқиқро дар заминаи меъёрҳои маъмулии шинохт ва равишҳои анъанавии илмӣ мавриди пажуҳиш қарор додем. Бунёду асосҳои назарии рисоларо дастовардҳои илмии адабиётшиносони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, монанди Д. С. Лихачев, А. Я. Гуревич, М. М. Бахтин, А. С. Бушмин, Н. И. Конрад, В. М. Жирмунский, Б. В. Томашевский, М. Б. Храпченко, И. С. Брагинский, Е. Э. Бертелс, А. Н. Болдирев, И. Г. Левин, В. Я. Пропп, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Р. Амонов, Б. Тилавов, А. Зарринкӯб, П. Хонларӣ, Ш. Кадканӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Суфизода, Р. Раҳмонӣ ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад.** Маҷмуи донишҳои назарие, ки дар диссертатсия барои арзёбии вижагиҳои навъи дубайтӣ ба кор рафтаанд, дар ҳалли чунин масъалаҳои адабӣ ба магистрант, докторантҳои Ph.D ва дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи илмии диссертатсия дар заминаҳои амалии зерин қобили истифодаанд: ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба фолклор ё адабиёти тоҷик, таълифи мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ; таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ барои устодон ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар, таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик барои муаллимон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмию назарии фолклоршиносон ва

адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварӣ, коркард, танзим ва ҷобаҷогузории мавод, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ ва муқоисаи онҳо зоҳир мегардад. Талабу талош ва иштиёқи шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳу сифати муҳтавои диссертатсия таъсир мегузорад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аз 12-уми сентябри соли 2023 дар бораи ба Бухориев Олим Салимович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.А.

12.09.2023